# Даъватнома ба нишасти матбуотии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Submitted by Ҳайати тадорукот on 26 July, 2021 - 09:33

Муҳтарам намояндагони ВАО ва ҳамкасбони гиромӣ!

Аз ҳамкориҳои судманди Шумо ҷиҳати дастгирӣ ва тарғиби соҳаи забони давлатӣ изҳори сипос ва миннатдорӣ намуда, ҳамзамон, иттилоъ медиҳем, ки тибқи Нақшаи ташкил ва гузаронидани нишастҳои матбуотӣ дар вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи

ҷумҳурӣ оид ба ҷамъбасти нимсолаи якуми соли 2021 мутобиқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми сентябри соли 2011, №АП-1729 дар толори маҷлисгоҳи Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» (ш. Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25) нишасти матбуотии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 29-уми июли соли 2021, соати 08:00 баргузор мегардад.

Вобаста ба ин, аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати инъикоси нишасти матбуотии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамудед.

**Content rating:** 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Гузоришҳо [1]
- Ахбори рӯз [2]
- Нақшаҳо [3]

**Source URL:**http://kumitaizabon.tj/en/node/6759

**Links**
[1] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/28 [2] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [3] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/29